# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Худшиносии миллӣ маҷмуи ҷаҳонбиниҳо, худогоҳиҳо, арзишҳо, баҳогузориҳо ва муносибатҳое мебошад, ки аҳамияти бузурги таърихӣ доштани миллатро инъикос карда, мақоми миллатро дар байни дигар қавму миллатҳо нишон медиҳад. Худшиносии миллӣ шарти зарурии ҳастӣ ва як ҷузъи асосии тараққиёти миллат буда, сатҳу дараҷаи он аз рӯйи ченаке муайян ва муқаррар карда мешавад, ки то чӣ андоза афроди миллат ба манфиати миллат кору фаъолият ва фидокориҳо карда метавонанд. Худшиносии миллӣ асоси ҳаёти маънавии афроди миллатро ташкил медиҳад. Худшиносии миллӣ аз худшиносии ашхоси алоҳида шурӯъ гардида, ҷавоб ёфтан ба пурсишҳое мебошад, назири: «ман кистам?», «асли ману ҷавҳари ман чист?», «падару модарам кистанд?», «миллатам чист?», «аз куҷо омадаам ва ба куҷо хоҳам рафт?», «роҳи ман кадом аст?», «рисолатам чист?» ва ғ. Вақте ки инсон ба ин гуна пурсишҳо посухҳои аниқу комил ё наздик ба он дарёфт менамояд, шуруъ ба бунёди зиндагии солиму комил менамояд ва дар истеҳкоми бинои миллати хеш саҳм мегирад ва дар байни худшиносиии хешу миллати худ пуле бунёд месозад. Ва ниҳоятан худшиносии миллӣ ва худшиносии афроди алоҳида ҳар яке такомулбахшандаи дигаре мегардад. Бояд бигӯем, ки худшиносӣ аслан, оғози ҳама гуна шинохтҳо мебошад. Худшиносии миллӣ ва даҳҳо шинохтҳои дигар аз худшиносӣ сарчашма мегиранд. Худшиносии миллӣ авҷи баланди худшиносии фардӣ дар шакли густурдаву расмии он мебошад, ки дар бархурд бо худшиносии қавму миллатҳои дигар баҳри ҳимояву нигоҳ доштани ҳувийят ва арзишҳои касбкардаи хеш ҷаҳду талошҳои зиёде ба харҷ хоҳад дод.

Худшиносии миллӣ фаҳмишу дарки маънавиёт, таърих, фарҳанг, арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки шахс ё гурӯҳ бо ҳисси ифтихор ва эҳтиром ба таърихи халқу миллат ва арзишҳои он рабт пайдо мекунад. Шинохти таърих ва мероси миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ, забон, адабиёт, мусиқӣ ва анъанаҳои миллӣ,ҳсси

ифтихор аз кишвар ва халқи худ,нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ ва эҳтироми якдигар аз авомили он ба шумор мераванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ тавсияҳои психологӣ-педагогӣ коркард ва пешниҳод гардидааст, ки онҳоро омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ва волидон метавонанд бо таври эҷодӣ дар шароити гуногуни иҷтимоӣ ва педагогӣ истифода баранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Амонов Салохудин бо таҳлили адабиёти зиёди психологӣ-педагогӣ дар бораи худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» бо мақсади асоснок намудани раванди иттилоотикунонии омӯзиш ҳамчун самти асосии навсозӣ дар таҳсилот мавзуи таҳқиқоташро «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» муайян кардааст, ки муҳим ва талаботи замон аст.

Андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»»-ро, ки унвонҷӯ Амонов Салохудин барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, дар айни замон яке аз масоили муҳим ва мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб меёбад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 25.06.2025, №10).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ

аст: *банди 1* – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ. - фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; *банди 2* - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва *банди 4* — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

3. Қобили зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои татқиқотии унвонҷӯй Амонов Салохудин дар ҷаласаҳои илмии шуъбаи педагогика, психолагия ва методикаи таълим ва конференсияҳои илмии ҳайати кормандону профессорон, докторантону унвонҷӯёни Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муҳокима ва мавриди тасвиб қарор дода шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 23 интишороти муаллиф, ки 10 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои

назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

6. Талаботи Низомномаро дар бораи қабул кардани диссертатсия ба шурои диссертатсинӣ ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи унвонҷӯй Амонов Салохудинро тавсия медиҳад:

а) ба диссертатсияи Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав” ва **Шарифов Муҳсин Ғаффорович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Амонов Салохудинро дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Амонов Салохудин «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

**- Давлатзода Ҷамила** - доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав";

**- Шарифов Муҳсин Ғаффорович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Обидова М.И.

20.09.2025

*Имзои Х.Раҳимзода, С.Ш. Туронов ва М.И.Обидоваро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.